## Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ

- ариза барои бақайдгирии давлатии таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи шакли тасдиқ намудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ,
- қарори муассис (протоколи маҷлиси муассисон) дар бораи таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқии таъсисёбанда;
- агар роҳбари мақоми иҷроияи шахси ҳуқуқии таъсисёбанда шаҳрванди хориҷӣ бошад, инчунин нусхаи ҳуҷҷате, ки дар асоси он ба шахси воқеии хориҷӣ барои сукунат ва амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст (раводид, варақаи бақайдгирӣ ва гувоҳномаи иқомат бо мӯҳлати амали на кам аз се моҳ)
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти ҳар як муассиси (шахси воқеии) шахси ҳуқуқии таъсисёбанда,
- нисбати муассиси ҷамъияти саҳомӣ – иқтибос аз феҳристи саҳмдорон ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи дорандаи феҳристи саҳмдорон ва маълумотномаи мақомоти андоз нисбат ба муассис - шахси ҳуқуқӣ доир ба надоштани қарзи андоз;
- дар ҳолати таъсис додани шахси ҳуқуқӣ дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ маълумотномаи маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ;
- иқтибоси ҳуҷҷат дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ё нусха аз феҳристи шахсони ҳуқуқии давлати хориҷӣ ( ё дигар ҳуҷҷати аз рӯи қувваи ҳуқуқиаш ба он баробар, ки мақоми шахси ҳуқуқии хориҷиро исбот менамояд), дар сурате, ки агар муассис шахси ҳуқуқии хориҷӣ бошад,
- хулосаи мақомоти дахлдор дар мавриди бақайдгирии воситаҳои ахбори омма;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқии таъсисёбанда;

Ҳуҷҷатҳои бо мақсади бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд бо тартиби муқарраргардида қонунӣ (легализатсия) гардонида шаванд ё ба онҳо апостил гузошта шавад, ба истисноии мамлакатҳои иштирокчии шартномаҳо ва созишномаҳои байналмиллалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои анҷом додани бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ

- ариза дар бораи бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ.
- қарори муассис (протоколи маҷлиси муассисон) ё мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ ё дар асоси қарори суд, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст,
- тавозуни барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи натиҷаи кори комиссияи барҳамдиҳӣ, ки онро муассиси (муассисони) шахси ҳуқуқӣ ё мақомоти дар бораи барҳам додани шахси ҳуқуқӣ қарор қабулкарда тасдиқ кардааст;
- санад оид ба санҷиши маҷмӯии андоз, ки надоштани қарзи андозро тасдиқ менамояд
- Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда;
- нусхаи эълон дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ, ки дар яке аз воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ нашр гардидааст;
- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оид ба супоридани мӯҳрҳо (тамғаҳо) ва баста шудани ҳисобҳои бонкӣ
- маълумотнома аз мақомоти давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа оид ба надоштани қарз аз ҳисоби суғуртаи иҷтимоӣ (2%);
- маълумотнома аз мақомоти давлатии омор дар бораи аз феҳристи бақайдгирии оморӣ баровардани шахси ҳуқуқӣ;
- нусхаи аслии шаҳодатномаи бақайдгирӣ, РМА ва иқтибоси шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда;
- маълумотномаи шахси ҳуқуқии барҳамхуранда оид ба муассиси дигар шахси ҳуқуқӣ будан ё набудан;
- ҳангоми барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ бо асоси муфлисшавӣ таъйиноти суд дар бораи ба охир расидани истеҳсолоти озмунӣ пешниҳод карда мешавад.

## Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои анҷом додани амалҳои ворид намудани тағийру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи нисбати шахси ҳуқуқӣ

- ариза аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ (04);
- қарори муассис (протоколи маҷлиси муассисон) дар бораи ворид намудани тағийру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ нисбати шахси ҳуқуқӣ;
- нусхаи иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ то анҷом додани амали бақақйдгирии давлатӣ,
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи ташакулёбии сармояи оинномавӣ.

**а) Ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ вобаста ба таъсис додан ё қать намудани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

- ариза аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ (шакли 04)
- қарор дар бораи таъсис додан ё қатъ намудани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ
- ҳангоми таъсис додани филиал ё намояндагӣ - нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ, ваколатномаи роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ дода шудааст;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи суроғаи ҷойгиршавии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқи, ки дар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршави бақайд гирифта шудааст,
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти роҳбари шахси ҳуқуқӣ,
- санади санҷиши барҳамдиҳии филиал ё намояндагӣ,
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи иҷрои уҳдадориҳои андози;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бастани суратҳисоби филиал ё намояндагӣ,
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бекор кардан ва ё надоштани муҳри филиал ё намояндагӣ,
- нусхаи Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ, Шаҳодатномаи аслӣ дар бораи додани Рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН) ба филиал ё намояндагӣ.

**(б) Ҳангоми иваз намудани роҳбари шахсони ҳуқуқӣ**

- қарори муассис (протоколи маҷлиси муассисон) дар бораи иваз таъин намудани роҳбари шахси ҳуқуқӣ,
- нусхаи Иктибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ,
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти рохбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ,
- агар роҳбари навтаъини шахси ҳуқуқӣ шахси воқеии хориҷи бошад нусхаи (раводид варақаи бақайдгирӣ)

**(в) Ҳангоми ивази суроғаи ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ**

- қарори муассис (протоколи маҷлиси муассисон) дар бораи иваз гардидани суроғаи шахси ҳуқуқӣ,
- нусхаи Иктибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ,
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти рохбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ,
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи суроғаи (фаъолияти) шахси ҳуқуқӣ,
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи иҷрои уҳдадориҳои андоз, санади мукоисавӣ,

- мактуби Нозиротҳои андоз оид ба монеъгӣ надоштан барои иваз шудани суроғаи ҳуқуқӣ, (дар сурати ба дигар ноҳия гузаштани шахси ҳуқуқӣ)

**(г) Ҳангоми бегонакунии ҳиссаи иштирок дар сармояи оинномавии шахси ҳуқуқӣ (ивазшавии муассис)**

- қарори муассис (протоколи маҷлиси муассисон) дар бораи бегонакунии ҳиссаи иштирок дар саромояи оинномавии шахси ҳуқуқӣ,
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти рохбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ,
- нусхаи Шартномаи бегонакунии ҳисса, (ҳадя, гузашти ҳисса ё хариду фурӯш) тариқи нотариалӣ тасдиқшуда,
- нусхаи Иктибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи иҷрои уҳдадории андоз, санади муқоисавӣ;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи суроғаи (фаъолияти) шахси ҳуқуқӣ, бо назардошти дар қайди мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавӣ гузоштан;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти муассиси шахси воқеӣ ва ё шахси ҳуқуқӣ.

**(д) Ҳангоми зиёд ва ё камшави сармояи оинномавии шахси ҳуқуқӣ**

- қарори муассис (протоколи маҷлиси муассисон) дар бораи зиёд ё кам шудани сармояи оинномавии шахси ҳуқуқӣ,
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти рохбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ,
- нусхаи Иктибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ,
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ташаккулёбии сармояи оинномавӣ, (маълумотнома ё расиди бонкӣ, хуҷҷати тасдиқкунандаи мақомоти нархгузор ва дигар),
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти рохбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ,
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти муассиси шахси воқеӣ ва ё шахси ҳуқуқӣ (дар сурати воридшавии иштирокчии нав)
- нусхаи эълон ба воситаи ахбори даврӣ;

## Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда ҳангоми бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқие, ки бо роҳи азнавташкилдиҳӣ

### 1) Ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли муттаҳидшавӣ

- қарори мақоми ваколатдори шахси ҳуқуқӣ дар бораи азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли муттаҳидшавӣ;
- мактуб ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ оид ба қабули қарор дар бораи муттаҳидшавӣ;

- шартнома дар бораи муттаҳидшавӣ;

- нусхаи нашри эълон дар бораи муттаҳидшавии шахсони ҳуқуқӣ дар яке аз нашрияҳои ҷумҳуриявӣ (ин мӯҳлат набояд аз лаҳзаи нашри эълон камтар аз 30 рӯз бошад);

- хулосаи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, агар арзиши умумии тавозуни активҳои онҳо (гурӯҳи шахсони онҳо) мувофиқи тавозуни охирин аз сад ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад;

- санади супурдан;

- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти роҳбари мақоми иҷроияи шахси ҳуқуқӣ, муассис ва ё шахси ваколатдор;

- шаҳодатномаҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқии муттаҳидшаванда;

- шаҳодатномаҳои рақамҳои мушаххаси андозсупорандаи (РМА) шахсони ҳуқуқии муттаҳидшаванда;

- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда (маълумотнома) оид ба супоридани мӯҳрҳо (тамғаҳо);

- маълумотнома оиди баста шудани суратҳисобҳои бонкӣ;

- санади санҷиши маҷмӯии андоз ва маълумотномаи мақомоти андоз оид ба надоштани иҷрои ӯҳдадории андоз;

**2). Ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли ҷудошави**

- ариза барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ (шакли 01);

- қарори мақоми ваколатдори шахси ҳуқуқӣ дар бораи азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли ҷудо кардан;

- мактуб ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ оид ба қабули қарор дар бораи ҷудо кардан;

- шартномаи таъсисотӣ;

- хулосаи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ,агар арзиши активҳояшон аз панҷоҳ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад;

- тавозуни тақсимотӣ;-нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти роҳбари мақоми иҷроияи шахси ҳуқуқӣ, муассис ва ё шахси ваколатдор;

**3). Ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли ҳамроҳшавӣ**

- ариза барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ФЯД нисбат ба шаҳси ҳуқуқӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомотианҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ (шакли 04);

- қарори мақоми ваколатдори шахси ҳуқуқӣ дар бораи азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли ҳамроҳшавӣ;

- мактуб ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ оид ба қабули қарор дар бораи ҳамроҳшавӣ;

- шартнома дар бораи ҳамроҳшавӣ;-нусхаи эълон дар бораи ҳамроҳшавии шахсони ҳуқуқӣ, ки дар яке аз нашрияҳои ҷумҳуриявӣ чоп гардидааст (ин мӯҳлат набояд аз 30 рӯз аз лаҳзаи нашри эълон кам бошад);

- хулосаи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, агар арзиши умумии тавозунии активҳои онҳо (активҳои гурӯҳи шахсони онҳо) мувофиқи тавозуни охирин аз сад ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад;

- санади супурдан;

- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти роҳбари мақоми иҷроияи шахси ҳуқуқӣ, муассис ва ё шахси ваколатдор;

- шаҳодатномаҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқии ҳамроҳшаванда;

- шаҳодатномаҳои рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) шахсони ҳуқуқии ҳамроҳшаванда;

- санади санҷиши маҷмӯии андоз ва маълумотномаи мақомоти андоз оид ба надоштани иҷрои ӯҳдадории андоз;

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (маълумотнома) оид ба супоридани мӯҳрҳо (тамғаҳо);

-маълумотнома оиди баста шудани суратҳисобҳои бонкӣ;

## 4). Ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли тақсимшавӣ

- ариза барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ (шакли 01);

- қарори мақоми ваколатдори шахси ҳуқуқӣ дар бораи азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли тақсимшавӣ;

- мактуб ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ оид ба қабули қарор дар бораи тақсимшавӣ;

- шартномаи таъсисотӣ;

- нусхаи эълон дар бораи тақсимшавии ҷамъиятҳои саҳомӣ, ки дар яке аз нашрияҳои ҷумҳуриявӣ чоп гардидааст (ин мӯҳлат набояд аз ду моҳ аз лаҳзаи нашри эълон кам бошад);

- тавозуни тақсимотӣ;

- хулосаи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, агар арзиши активҳояшон аз панҷоҳ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад;

- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти роҳбари мақоми иҷроияи шахси ҳуқуқӣ, муассис ва ё шахси ваколатдор;

- санади санҷиши маҷмӯии андоз ва маълумотномаи мақомоти андоз оид ба надоштани иҷрои ӯҳдадории андоз;

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (маълумотнома) оид ба супоридани мӯҳрҳо (тамғаҳо);

- маълумотнома оид ба баста шудани суратҳисобҳои бонкӣ;

- шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии тақсимшаванда;

- шаҳодатномаи рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) шахси ҳуқуқии тақсимшаванда;

## 5). Ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли табдилдиҳӣ

- ариза барои ворид намудни тағйиру иловаҳо ба ФЯД нисбат ба шахси ҳуқуқӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ (шакли 04);

- қарори мақоми ваколатдори шахси ҳуқуқӣ дар бораи азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли табдилдиҳӣ;

- санади (акти) супурдан;

- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти роҳбари мақоми иҷроияи шахси ҳуқуқӣ, муассис ва ё шахси ваколатдор;

- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда (маълумотнома) оид ба супоридани мӯҳрҳо (тамғаҳо);

- маълумотнома оиди баста шудани суратҳисобҳои бонкӣ;

- шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии табдилёбанда;

- шаҳодатномаи рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) шахси ҳуқуқии табдилёбанда;

**Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ**

- ариза барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ;

- қарори мақоми ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар бораи таъсис додани филиал ё намояндагӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар бораи таъин намудани роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки онҳоро шахсони ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷӣ имзо кардаанд;

- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ *дар ҳолате, ки агар ҳуҷҷатҳоро роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод кунад; нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва ваколатнома ба номи шахси ваколатдор, агар аз ҷониби шахси ваколатдор ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардад. Агар роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ шаҳрванди хориҷӣ бошад, инчунин нусхаи ҳуҷҷате, ки дар асоси он ба шахси воқеии хориҷӣ барои сукунат ва амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода, шудадст (раводид, варақаи бақайдгирӣ ва гувоҳномаи иқомат бо мӯҳлати амали на кам аз се моҳ)*

- ваколатнома ба номи роҳбари филиал ё намояндагӣ;

- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ё дигар ҳуҷҷати бо қувваи қонуниаш ба он баробар, ки ҳолати ҳуқуқии ин шахсро тасдиқ мекунад;

- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳуҷҷатҳои пешбинигардида, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҷума карда шаванд.

Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии хориҷии асосӣ, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (легализатсия) карда шаванд ё ба онҳо апостил гузошта шавад.

Тарҷумаи ҳуҷҷатҳо, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шавад

Тасдиқ (легализатсия) ё гузоштани апостил барои ҳуҷҷатҳое, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷии мамлакатҳои иштирокчии шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, талаб карда намешавад.

Барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки дар ҳудуди минтақаҳои оффшорӣ ба қайд гирифта шудааст, аризадиҳанда ӯҳдадор аст ба мақоми анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ маълумот дар бораи соҳибмулкони асосии шахси ҳуқуқии хориҷии дар ҳудуди минтақаҳои оффшорӣ бақайдгирифташударо пешниҳод намояд.

## Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродӣ

- ариза барои бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ.
- нусхаи ҳуҷҷате, ки шахсияти шахси воқеиро тасдиқ мекунад;
- ду расми андозаи 4х6;
- нусхаи сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин ё нусхаи қарор дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин дар ҳолати бақайдгирии хоҷагии деҳқонии (фермерии) фардӣ ё оилавӣ,
- рӯйхати аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ),
- рақами мушаххаси андозсупоранда барои ҳар яки онҳо;
- нусхаи ҳуҷҷате, ки дар асоси он ба шахси воқеии хориҷӣ сукунат ва амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст (раводид, варақаи бақайдгирӣ, гувоҳномаи иқомат бо мӯҳлати амали на кам аз се моҳ)

- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) фаъолияти соҳибкории шахси воқеӣ;

- пардохтномаи (квитансия)-и пешпардохти маблағи Патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус барои шумораи муайяни моҳ (мӯҳлати амали Патент)

**Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои қатъ намудани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ.**

- ариза барои бақайдгирии давлатии қатъшавиифаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ (№ 09);
- Шаҳодатнома, (Патент ва ё Шаҳодатнома бо шартҳои махсус) дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ;
- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи иҷрои ӯҳдадории андози ба фаъолияти соҳибкории ӯ вобаста (маълумотнома оиди надоштани қарзи андоз);
- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи супоридани муҳрҳо ва маҳкам кардани суратҳисобҳои бонкӣ;
- санади санҷиши маҷмӯии андоз ва қарор аз натиҷаи санҷиши андоз.